# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «21» 11 соли 2024 № 1337 ш. Душанбе

Дар бораи Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2024-2026 Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

Бо мақсади иҷрои Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2024-2026 Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2024, №583) мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 11 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ гардидааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2024-2026 Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм, роҳбарони муассисаҳои зертобеи вазорат, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ уҳдадор карда шаванд, ки ҷиҳати иҷрои бандҳои дахлдори нақшаи чорабиниҳои мазкур тадбирҳои амалӣ андешида, аз натиҷаи иҷрои он маълумоти таҳлилӣ ба ҷониби дахлдор пешниҳод намоянд.

3. Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм уҳдадор карда шавад, ки иҷрои саривақти Нақшаи чорабиниҳои мазкурро таъмин намуда, тибқи тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи хаттӣ омода намуда, муаррифии Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2024-2026 Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-ро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ таъмин намояд.

4. Директори матбааи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор карда шавад, ки нақшаи чорабиниҳои мазкурро ба миқдорӣ 200 (дусад) нусха тибқи талабот чоп намояд.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якум ва муовинони вазир гузошта шавад.

Асос: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2024, №583 «Дар бораи Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2024-2026 Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030».

Вазир Раҳим Саидзода

Муовини якуми вазир
Муовини вазир
Муовини вазир
Муовини вазир
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм
Раёсати таҳсилоти томактабӣ
Раёсати таҳсилоти умумӣ
Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва бадидипломӣ
Раёсати илм ва инноватсия
Раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак
Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ
Раёсати сохтмони асосӣ
Шуъбаи низоми ахборотии идоракунии маориф ва илм
Шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ

Замима
ба фармоиши
Вазири маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «22» 11 соли 2024, №1337

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**НАҚШАИ МИЁНАМУҲЛАТИ АМАЛ БАРОИ СОЛҲОИ 2024-2026**
**СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШДИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2030**

| ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ<br>(Муовини вазир Каримзода Р) | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| № | Чорабиниҳо | Чораи афзалият-ноки ислоҳот | Муҳлати иҷро | Иҷрокунандагон | Шакли иҷро |
| 1 | Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабии давлатӣ дар самти фаъолияти шаклҳои алтернативӣ ва инклюзивӣ | (4.1.1) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти томактабӣ, Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ | Таҳияи санади меъёрӣ |
| 2 | Зиёд намудани теъдоди ҷойҳо дар муассисаҳои томактабӣ, тавассути барқарорсозии биноҳои корношоям ва бунёди муассисаҳои нави томактабӣ, майдончаҳои бозӣ ва варзишии кӯдакона бо баҳисобгирии кӯдакони имконияташон маҳдуд | (4.1.6)<br>(4.1.2) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти томактабӣ, Шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ, Сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо | Маълумотнома |
| 3 | Таъсиси намудҳои нави муассисаҳои таълимии томактабии давлатӣ ва ғайридавлатии аз ҷиҳати молиявӣ дастрас ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, махсусан дар шароити деҳот | (4.1.1)<br>(4.1.6) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти томактабӣ, Сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо | Ҳисоботи оморӣ |
| 4 | Ба системаи таълими томактабӣ баргардонидани биноҳои на аз рӯйи таъинот истифодашаванда ва арзёбии ҳолати ин биноҳо (то 10 бино) | (4.1.6)<br>(4.1.2) | 2025-2026 | Раёсати таҳсилоти томактабӣ, Шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ, Сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо | Ҳисобот ва ҷадвал |
| 5 | Такмили қоидаҳо ва меъёрҳои санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимии томактабӣ | (4.1.3)<br>(4.1.5) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти томактабӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф | Таҷдиди санади мавҷуда |
| 6 | Зиёд намудани фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ (новобаста ба ҷинс, талаботи махсус, мақоми иҷтимоӣ ва мансубияти этникӣ) | (4.1.5)<br>(4.1.6) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти томактабӣ, Сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо | Маълумоти оморӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 7 | Таҳияи барномаҳои телевизионӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи дониши падару модарон оид ба аҳаммияти рушди барвақтии кӯдакон, ҷалби падару модарон ба ҷараёни тарбия | (4.1.9) | 2024-2025 | Раёсати таҳсилоти томактабӣ, Маркази матбуот, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ | Мусоидат дар таҳияи барномаҳои телевизионӣ ва иштирок дар он |
| 8 | Бо мақсади таҳкими саломатӣ ва рушди пурраи кӯдакон, ба талаботи муқарраршуда мутобиқ намудани маблағ барои хӯрок ва дар ин замина такмил додани қонунгузорӣ | (4.1.9) | 2025-2026 | Раёсати таҳсилоти томактабӣ, Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм | Такмили заминаи қонунгузорӣ |
| 9 | Таҳияи барномаҳои алтернативии курсҳои такмили ихтисоси мутахассисони ҳамаи намуд ва шаклҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ, аз ҷумла кӯдакони норасоиҳои ҷисмонӣ ва равонӣ бо истифода аз технологияҳои муосири таълим | (4.1.9) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти томактабӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф | Таҳияи барномаҳо |
| 10 | Таҳияи барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ ва маводди ёрирасон барои омӯзгорон намояндагони ақаллиятҳои миллӣ бо забони давлатӣ ва забони ақаллиятҳои миллӣ | (4.1.8) | 2025-2026 | Раёсати таҳсилоти томактабӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ | Барнома ва дастури методӣ |
| 11 | Такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ | (4.1.10) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти томактабӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф | Ҳисоботи оморӣ |
| 12 | Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба паст кардани хатари офатҳо ва пешгирӣ аз офатҳои табиӣ, хавфҳои иҷтимоӣ ва экологӣ дар муассиса-ҳои таҳсилоти томактабӣ | (4.1.3) | 2024-2025 | Раёсати таҳсилоти томактабӣ, Шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ | Баргузории семинарҳои омӯзишӣ |
| 13 | Таҷдиди назар ва навсозии стандартҳои синнусолӣ ва нақшаҳои таълимии ҳамаи намудҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ оид ба нигоҳубин ва рушди кӯдакони хурдсол | (4.1.8) | 2024 | Раёсати таҳсилоти томактабӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ | Маълумотнома |
| 14 | Таҳияи барномаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таълимии томактабӣ бо истифода аз технологияҳои муосири таълим | (4.1.8) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти томактабӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф | Барномаи таълимӣ |
| 15 | Омӯзиши механизми ҷорӣ кардани вазифаҳои педагоги иҷтимоӣ, педагоги махсус, психолог ва логопед дар муассисаҳои таълимӣ бо мақсади дастгирии кӯдакони дорои талаботи махсус дар раванди рушд ва таҳсили онҳо | (4.1.7) | 2025-2026 | Раёсати таҳсилоти томактабӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф | Маълумотнома |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 16 | Таҳияи барномаҳо, воситаҳои аёнии мутобиқшуда барои кӯдакони дорои нуқсонҳои инкишоф (шунавоӣ, босира, рушди зеҳнӣ ва равонӣ) ва мураббиён | (4.1.8) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти томактабӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф | Таҳияи барномаҳо, воситаҳои аёнӣ |
| 17 | Таҳия ва ҷорӣ намудани низоми мониторинг ва арзёбии хизматрасонии таҳсилоти томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабии шаклҳои гуногун | (4.1.10) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти томактабӣ, Шуъбаи сифати таҳсилот, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф | Муълумотнома |
| **2. ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ**<br>**(Муовини вазир Каримзода Р)** | | | | | |
| 18 | Иҷрои нақшаи сохтмони муассисаҳои нав ва таъмири муассисаҳои мавҷуда вобаста ба вазъи демографӣ ва миқдори муассисаҳо дар ҳамаи минтақаҳо, бо дарназардошти ниёзҳои кӯдакони имконияташон маҳдуд | (4.2.1) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Раёсати сохтмони асосӣ, Сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо | Маълумотнома |
| 19 | Насби таҷҳизоти махсус дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (дастгоҳҳои бардоранда, пандусҳо, дастаҳо, гузаргоҳҳои махсус) барои рушди таҳсилоти фарогир | (4.2.1) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Раёсати сохтмони асосӣ, Сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо | Маълумотнома |
| 20 | Таъмини кадрҳои дахлдори зарурӣ (психологҳо, омӯзгорони махсус, мутахассисон оид ба кумаки равониву педагогӣ, тюторҳо) | (4.2.1) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус | Таъмини кадрҳо |
| 21 | Таҳияи Барномаи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | (4.2.2) | 2024-2025 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф | Таҳияи Барнома |
| 22 | Такмили низоми таҳсилоти фарогир дар таҳсилоти умумӣ | (4.2.2) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф | Маълумотнома |
| 23 | Таҳия ва татбиқи санади меъёрӣ оид ба муайян кардан, пешгирӣ ва кор бурдан бо кӯдаконе, ки ба муассиса намераванд ё тарки таҳсил мекунанд, махсусан духтарон ва кӯдакон аз гурӯҳҳои камбизоат ва осебпазир; дастгирии иқтисодӣ ва психологии кӯдаконе, ки бо сабаби мушкилот дар мактаб ва оила тарки таҳсил мекунанд | (4.2.2)<br>(4.2.4) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, Мактаби ғоибона | Таҳияи санади меъёрӣ |
| 24 | Таҳия ва ҷорӣ намудани барномаҳои алтернативӣ ва барномаҳои рушди босуръати кӯдакон (аз оилаҳои муҳоҷирон, муассисаҳои камнуфуз, | (4.2.2)<br>(4.2.4) | 2024 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, | Таҳияи барнома |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | оилаҳои бесарпаноҳ, оилаҳои бешаҳрвандӣ, ақаллиятҳои миллӣ, маъюб) | | | Пажуҳишгоҳи рушди маориф, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ | |
| 25 | Таҳияи меъёрҳои муайян кардани истеъдодҳои хонанда | (4.2.5) | 2025-2026 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Шуъбаи сифати таҳсилот, Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодхо | Таҳияи меъёрҳо |
| 26 | Таъмини мустақилияти молиявӣ барои фаъолияти муассири марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо | (4.2.2) | 2025-2026 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо<br>Сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо | Муълумотнома |
| 27 | Такмили низоми иттилоотии идоракунии маориф ва илм (EMIS) оид ба кӯдакони синни мактабӣ | (4.2.14) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Шуъбаи низоми ахборотии идоракунии маориф ва илм, Маракази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия | Маълумотнома |
| 28 | Таҳия ва татбиқи «Платформаи рақамӣ» дар заминаи муасисаҳои такмили ихтисос барои ҷорӣ намудани низоми таълими модулӣ бо истифодаи омӯзиши омехта, маҷмуи муносибати босалоҳият дар таълим, рушди корҳои илмию таҳқиқотӣ, бо дарназардошти татбиқи гузариш ба низоми сесолаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф | (4.2.5) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф | Таҳияи платформаи рақамӣ |
| 29 | Тайёр кардан ва бозомӯзии кормандону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ | (4.2.5) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф | Маълумотнома |
| 30 | Таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба татбиқи механизми баланд бардошани мавқеи омӯзгор дар ҷомеа | (4.2.7) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф | Таҳияи санади меъёрӣ |
| 31 | Таҳия ва ҷорӣ намудани платформаи рақамӣ дар заминаи муассисаҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф барои ҷорӣ намудани раванди мониторинги таълим дар синфҳои ибтидоӣ | (4.2.5) | 2024 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф | Таҳияи платформаи рақамӣ |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 32 | Коркарди механизми пардохт намудани иловапулиҳо барои роҳбарии иттиҳодияҳои методӣ, роҳбарони синф, кори гурӯҳҳо оид ба назорати сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ | (4.2.7) | 2024-2025 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ | Маълумотнома |
| 33 | Таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо дастрасии васеъ ба интернет ва баланд бардоштани сатҳи муҷаҳҳаз гардонидани синфҳои таълимӣ бо техникаи компютерӣ; таъмини истифодаи сомона барои фанҳои таълимӣ ва ба таври васеъ ҷорӣ намудани шаклҳои фаъоли технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ | (4.2.6)<br>(4.2.13) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия | Таъмин бо интернет ва техникаи компютерӣ |
| 34 | Зиёд намудани воҳиди кори шуъбаи сифати таҳсилоти Вазорати маориф ва илм бо дарназардошти рақамикунонии соҳаи маориф, ҷорӣ намудани стандартҳои салоҳиятнокӣ дар таҳсилот | (4.2.6) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, Шуъбаи сифати таҳсилот | Таҷдиди сохтор |
| 35 | Омода намудани китоби дарсӣ, маводди талимӣ бо забони ақаллиятҳои миллӣ бо дарназардошти муносибати босалоҳият дар таълим | (4.2.6) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ | Маъмулотнома |
| 36 | Таҳия ва нашри китобҳои дарсии забони давлатӣ дар муассисаҳои таълимии ақаллиятҳои миллӣ | (4.2.6) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ | Таҳияи китобҳои дарсӣ |
| 37 | Фароҳам овардани муҳити мусоид барои рушди платформаҳои омӯзиши рақамӣ дар доираи такмили ихтисоси омӯзгорон, муҷаҳҳаз намудани шабакаи дохилимактабӣ дар саросари кишвар бо таҷҳизоти рақамӣ ва пайвастшавӣ ба интернет | (4.2.6)<br>(4.2.13) | 2024-2025 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия | Омузиши платформаҳои тақамӣ |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 38 | Таҳияи китобҳои дарсии электронӣ ва платформаҳо барои дастрасии васеъ ба маводди таълимии электронӣ ба омӯзиши фосилавӣ барои омӯзгорон ва хонандагони таҳсилоти миёна | (4.2.6) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия, Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф | Таҳияи китобшои дарсии электронӣ |
| 39 | Истифодаи натиҷаҳои ҷорӣ кардани низоми арзёбии миллӣ ва байналмилалии дастовардҳои хонандагон ҷиҳати қабули қарорҳо барои баланд бардоштани сифати тахсилот | (4.2.8) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Шуъбаи сифати таҳсилот | Маълумотнома |
| 40 | Баррасӣ кардани нақшаи амал, гузаронидани тадкиқот ва тайёрӣ барои иштирок дар PISA - 2025. Мониторинги сифати муҳити таълим, мутобиқ намудани муҳит ба арзебии байналмилалӣ | (4.2.8) | 2024-2025 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Шуъбаи сифати таҳсилот, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф | Гузаронидани тадқиқот |
| **4. ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ВА ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ БАЪД АЗ МУАССИСАИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ (Муовини вазир Абдулхолиқзода Л)** | | | | | |
| 41 | Таҳияи дурнамо оид ба баланд бардоштани стипендия ҳамчун усули мусоидат ба иштироки духтарон дар фаъолияти илмӣ ва педагогӣ | (4.4.2) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Таҳияи дурнамо |
| 42 | Арзёбӣ ва мониторинги самаранокии таҳсилоти фосилавӣ | (4.4.6) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, шуъбаи сифати таҳсилот | Маълумотнома |
| 43 | Таҳияи стратегияи рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | (4.4.4) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, Раёсати илм ва инноватсия, Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Таҳияи стратегия |
| 44 | Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зиёд намудани ташхисгоҳҳои дорои таҷҳизоти навтарин ва бунёди биноҳои нави таълимӣ | (4.4.10) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Маълумотнома |
| 45 | Таҳияи барномаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои илмию педагогӣ | (4.4.9) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Таҳияи барнома |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 46 | Натиҷагирӣ аз татбиқи низомномаи муҳити бехатар ва мусоиди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон | (4.4.4) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Маълумотнома |
| 47 | Фароҳам овардани шароити баробар ва дастрасии бидуни монеа барои донишҷӯёни дорои эҳтиёҷоти махсуси таълимӣ (пандусҳо, лифтҳо, захираҳои иттилоотӣ ва маводдҳои дидактикӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | (4.4.4)<br>(4.4.1) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Маълумотнома |
| 48 | Таҷдиди назар кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба додани имтиёзҳо барои донишҷӯёни имконияташон маҳдуд ҳангоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | (4.4.6)<br>(4.4.1) | 2024 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм | Таҷдиди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ |
| 49 | Таҳияи барномаҳои касбии такмили ихтисоси кадрҳои илмию педагогӣ (барномаи касбии такмили ихтисоси геологҳо, иқтисоддонҳо, агрономҳо, муҳандисон, ҳуқуқшиносон ва ғайра) | (4.4.9) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Таҳияи барнома |
| 50 | Таҳияи низомномаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шаклҳои гуногун | (4.4.16) | 2024 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ | Таҳияи низомнома |
| 51 | Таҳлил ва таҷдиди назар намудани барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо дарназардошти ворид намудани навовариҳои педагогӣ | (4.4.16) | 2025-2026 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Таҷдиди назар намудани барномаҳо |
| 52 | Ташкил ва амалисозии такмили ихтисос, таҷрибаомӯзӣ ва мубодилаи академикии ҳайати профессорон-омӯзгорон дар хориҷи кишвар | (4.4.11) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ | Маълумотнома |
| 53 | Таҳияи барномаҳои муштараки таълимӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷӣ кишвар ва ширкатҳои байналмилалӣ | (4.4.10) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ | Таҳияи барнома |
| 54 | Омода намудани ихтисосҳои алоҳидаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба меъёрҳо ҷиҳати гузаронидани онҳо аз аккредитатсияи байналмилалӣ | (4.4.9) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ, Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Маълумотнома |
| 55 | Таҳия ва ҷорӣ кардани низоми нави миллии арзёбии сифати таҳсилоти олӣ | (4.4.9) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, Шуъбаи сифати таҳсилот, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Таҳияи низом |

ВАЗОРАТИ ... ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 56 | Таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои татбиқи таҳсилоти дуалӣ оид ба сарбории таълимӣ, тартиби баҳогузорӣ, намунаи шартномаҳои сетарафа бо сохторҳои соҳибкорӣ ва ғайра | (4.4.12) | 2024-2025 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ |
| 57 | Зиёд намудани теъдоди пойгоҳҳои назди муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ | (4.4.14) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Маълумотнома |
| 58 | Ҷорӣ кардани рақамикунонии ҷараёни таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ | (4.4.10) | 2024-2026 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва комуникатсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Маълумотнома |
| 59 | Ҷоннок намудани фаъолияти маҷаллаҳои илмии ватанӣ бо забонҳои хориҷӣ | (4.4.15) | 2024-2026 | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Маълумотнома |
| 60 | Муаррифӣ намудани корҳои илмию тадқиқотии ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар хориҷи кишвар тавассути воситаҳои итилоотии хориҷӣ | (4.4.15) | 2024-2026 | Раёсати илм ва инноватсия, Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Маълумотнома |
| 61 | Ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ ба корҳои илмию тадқиқотӣ | (4.4.15) | 2024-2026 | Раёсати илм ва инноватсия, Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Маълумотнома |
| 62 | Такмили феҳристи олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон | (4.4.8) | 2025 | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Такмили феҳрист |
| 63 | Ба роҳ мондани фаъолияти электронӣ ва рақамӣ дар китобхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | (4.4.15) | 2024-2026 | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Электронӣ ва рақамӣ китобҳои дарсӣ |
| 64 | Таҳия ва ҷалби сармоягузорӣ ҷиҳати дастгирии таҳқиқот ва татбиқи лоиҳаҳои илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | (4.4.8) | 2024-2026 | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Маълумотнома |
| 65 | Гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ ҷиҳати таъмини фарогирии бештари кафедраҳо ва ниҳодҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои таҳияи лоиҳаҳои илмию-таҳқиқотии буҷетӣ ва грантӣ | (4.4.8) | 2024-2026 | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Гузаронидани семинарҳо |
| **5. ИДОРАКУНӢ ВА МАБЛАҒГУЗОРӢ (Муовини вазир Сафарзода Д)** | | | | | |
| 66 | Гузаронидани таҳлил ва баҳогузории механизми маблағгузории сарикасӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ бо мақсади | (4.5.1)<br>(4.5.2) | 2024-2026 | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм | Гузаронидани таҳлил ва баҳогузорӣ |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | бехтар намудани механизми мазкур ва ворид намудан ба он хароҷоти иловагӣ вобаста ба озуқаи кӯдакон | | | Раёсати таҳсилоти томактабӣ Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ | |
| 67 | Омӯзиши имкониятҳо оид ба ҷорӣ намудани гузариш ба маблағгузории меъёрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | (4.5.1) | 2025-2026 | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм<br>Раёсати таҳсилоти олии касбӣ | Маълумотнома |
| 68 | Таҳия ва ҷорӣ намудани механизмҳои самараноктари маблағгузории низоми такмили ихтисоси кормандони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ | (4.5.2)<br>(4.5.4)<br>(4.5.8) | 2025-2026 | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм<br>Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф | Таҳияи механизм |
| 69 | Маблағгузории шаклҳои алтернативии таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла марказҳои рушди барвақтии кӯдак | (4.5.2) | 2024-2025 | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм<br>Раёсати таҳсилоти томактабӣ | Маълумотнома |
| 70 | Таҳияи механизмҳо, самараноки ҷалб ва истифодаи маблағҳои сармоягузорӣ дар соҳаи маориф ва илм | (4.5.2)<br>(4.5.7) | 2026 | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм<br>Маркази таҳлил ва ҳамоҳангсозӣ | Таҳияи механизм |
| 71 | Такмили механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи маориф | (4.5.9) | 2024-2026 | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, Сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо | Такмили механизм |
| 72 | Гузаронидани таҳлили имконияти истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар минтақаҳои кишвар, бо дарназардошти қонунгузорӣ дар соҳаи мазкур бо мақсади беҳтар намудани механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи маориф | (4.5.9) | 2025-2026 | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, Сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо | Гузаронидани таҳлил |
| 73 | Рушди механизи дастгирии молиявию иқтисодии муассисаҳои хусусӣ дар бахши таҳсилоти томактабӣ (маблағгузорӣ тавассути меъёрҳои сарикасӣ, пешниҳоди гранту субсидияҳо тавассути озмун, кумаки унвонӣ, истфодаи васеи механизмҳои дахлдори консепсия, иҷораи дарозмуддат, ташкили ҷамъиятҳои саҳомӣ, минтақаи озоди иқтисодӣ) | (4.5.9) | 2024-2026 | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм<br>Раёсати таҳсилоти томактабӣ | Маълумотнома |
| 74 | Такмил додани низоми иттилоотии идоракунии маориф дар бахши таҳсилоти томактабӣ бо дарназардошти муттаҳид намудани низоми мазкур бо низомҳои дигари ҷамъоварандаи маълумот оид ба кӯдакону наврасон | (4.5.6) | 2025-2026 | Шуъбаи низоми иттилооти идоракунӣ дар соҳаи маориф ва илм, Раёсати таҳсилоти томактабӣ, Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсонӣ ва коммуникатсия | Такмили низом |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 75 | Такмили механизми истифодабарии низоми иттилоотии идоракунии маориф дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ (муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ) | (4.5.6) | 2025-2026 | Шуъбаи низоми иттилооти идоракунӣ дар соҳаи маориф ва илм Раёсати таҳсилоти томактабӣ Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсонӣ ва коммуникатсия | Такмили механизм |
| 76 | Таъмини афзоиши иқтидори мақомоти дахлдор ҷиҳати ҷамъоварӣ, коркард ва истифодабарии иттилооти соҳаи маориф | (4.5.6) | 2024-2026 | Шуъбаи низоми иттилооти идоракунӣ дар соҳаи маориф ва илм, Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсонӣ ва коммуникатсия | Маълумотнома |
| 77 | Коркард ва ҷорӣ намудани низоми иттилоотии идоракунии маориф (онлайн) барои ҳисоботи молиявии «Молия» бо фарогирии муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ | (4.5.6) | 2025-2026 | Шуъбаи низоми иттилооти идоракунӣ дар соҳаи маориф ва илм<br>Раёсати иқтисод банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсонӣ ва коммуникатсия | Коркарди ҳисоботҳои молиявӣ |
| 78 | Омӯзиши мутахассисони мақомоти маҳаллии идоракунии маориф оид ба истифодабарии самараноки низоми иттилоотии идоракунии маориф | (4.5.3) | 2024-2026 | Шуъбаи низоми иттилооти идоракунӣ дар соҳаи маориф ва илм, Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсонӣ ва коммуникатсия | Гузаронидани омӯзиш |
| 79 | Такмил ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба идоракунии муассисаҳои таълимӣ<br>Тақвият додани иқтидори Маркази ҷумҳуриявии технологияҳои иттилоотӣ ва алоқаи назди Вазорати маориф ва илм ва ташкили муҳити созгор ҷиҳати таъсиси платформаҳои таълимии рақамӣ барои донишҷӯён ва омӯзгорон | (4.5.8) | 2024-2026 | Шуъбаи низоми иттилооти идоракунӣ дар соҳаи маориф ва илм,<br>Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсонӣ ва коммуникатсия | Таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ |
| 80 | Гузаронидани таҳлили функсионалии низоми идоракунии маориф ва таҳия/такмили ҳуҷҷатҳои батанзимоварандаи уҳдадориҳои вазифавии кормандони идоракунии ҳамаи сатҳо | (4.5.4) | 2025-2026 | Шуъбаи низоми иттилооти идоракунӣ дар соҳаи маориф ва илм,<br>Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсонӣ ва коммуникатсия | Гузаронидани таҳлил |
| 81 | Гузаронидани таҳлили мувофиқати заминаи меъёрию ҳуқуқӣ идоракунии сифат дар соҳаи маориф ба стандартҳои ISO-9000 (ё низоми дигари байналмилалӣ)-и арзёбии сифати омода кардани мутахассисон дар зинаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва ба таври таҷрибавӣ ҷорӣ намудан бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ | (4.5.8) | 2025-2026 | Шуъбаи сифати таҳсилот, Раёсати таҳсилоти олии касбӣ | Гузаронидани таҳлил |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 82 | Гузаронидани омўзиши намояндагони муассисаҳои таълимӣ ва мақомоти идоракунии маориф дар маҳал доир ба масъалаҳои кам кардани хатарҳои офатҳои табиӣ ва паст намудани хавфҳо дар ҳама сатҳҳо | (4.5.10) | 2024-2026 | Шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ, Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ | Гузаронидани омўзиш |
| 83 | Харитакунонии муассисаҳои таълимие, ки дар ҷойҳои дорои эҳтимолияти рух додани хавфи офатҳои табиӣ ҷойгир мебошанд | (4.5.10) | 2024-2026 | Шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ, Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ | Харитакунонӣ |
| 84 | Ҳамкорӣ бо комиссияи идоракунии хавфи офатҳои табиӣ барои муассисаҳои таълимӣ дар сатҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | (4.5.10) | 2024-2026 | Шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ, Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ | Ҳамкорӣ бо комиссия |

**Эзоҳ:** 1. Дар сатри иҷрокунандагон номи раёсату шуъбаҳое, ки дар аввал зикр гардидааст иҷрокунанда ва ҷамъбасткунандаи банд буда маълумоти ниҳоиро ба Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм дар муҳлатҳои муайянгардида пешниҳод менамоянд.

2. Дигар раёсату шуъбаҳое, ки номашон дар сутуни иҷрокунандагон дар қисматҳои дуюм ва дигар қисматҳо дарҷ гардидааст бо раёсати дахлдор, ки номаш дар сатри аввал зикр гардидааст ҳамкорӣ намуда, маълумотҳоро дар муҳлатҳои муайянгардида ба ҷамъбасткунандаи банд пешниҳод намоянд. (Руйхат замима мегардад)

**Ҷамъбасткунанда: Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм.**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС